**Саволҳо аз фанни сиёсатшиносӣ барои ихтисоҳои тиббӣ, омӯзгор: Давлатова Шаҳодат, нимсолаи 2, рейтинги 1.**

**1.Кадоме аз таснифоти даврабандии инкишофи таълимоти сиёсӣ дуруст аст?**

A)форматсионӣ, таърихӣ-хронологӣ, тамаддунӣ, рӯоварии иҷтимоӣ B)пешаздавлатӣ, тамаддунӣ, форматсионӣ, таърихӣ-хронологӣ C)антропологӣ, тамаддунӣ, таърихӣ, хронологӣ D)пешаздавлатӣ, тамаддунӣ, таърихӣ-хронологӣ, форматсионӣ E)пеш аз мелод, замони нав

**2.Кадоме аз ин таснифот таърихию хронологӣ махсуб меёбад?**

A)форматсионӣ, рӯоварии иҷтимоӣ, тамаддунӣ B)Дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи Эҳё, Замони нав форматсионӣ, рӯоварии иҷтимоӣ, тамаддунӣ C)ҷомеаи анъанавӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ D)Замони навтарин E)замони кӯҳна

**3.Ба андешаи Демокрит шакли беҳтарини идоракунӣ кадом аст?**

A)монархия B)тирания C)демократия D)аристократия E)намедонам

4. Шогирди беҳтарини Афлотун кист?

A) Кратил B) Протагор C) Суқрот D) Арасту E) Макиавелӣ

**5.Таркиби сохти ҷумҳурии Афлотун аз киҳо иборат аст?**

A) навозандагон, элитаи сиёсӣ B) ҳокимон, ходимони дин, ҷанговарон C) ҳокимон, ҷанговарон, ғуломон D) ҳокимон, ҷанговарон, тоҷирон E) ҳокимон, ҷанговарон, ҳунармандон

**6.Фаҳмиши инсон «ҳамчун мавҷудоти сиёсӣ» ба кӣ тааллуқ дорад?**

A) ба Арасту B) ба Демокрит C) ба Афлотун D) ба Гераклит E) ба Пифагор

**7.Категорияҳои сиёсатшиносӣ кадомҳоянд?**

A) пул, мол, иқтисоди бозоргонӣ, B) ҳокимият, давлат, низоми сиёсӣ, ҳизби сиёсӣ C) мубодила, арзиши аслӣ D) фалсафа, таърих, ҳуқуқ, сотсиология E) меъёрҳои ҳуқуқӣ, қонун, кодекс, конститутсия

**8.Муаллифи китоби «Насиҳат-ул-мулук» кист?**

A) Низомулмулк B)Мирсаид Алии Ҳамадонӣ C)Имом Ғаззолӣ D)А. Дониш E)С. Айнӣ

9. Ин гуфта ба кадом мутафаккир тааллуқ дорад: «Бо одамони баробар баробар муносибат намо ва бо одамони нобаробар нобаробар»

A)Демокрит B)Афлотун C)Ойзо Б. D)Арасту E)Толстой

**10. Бузургтарин хислати подшоҳро М.Ғазолӣ дар чӣ мебинад?**

A)намедонам B)Нармӣ C)Идора карда тавонистани давлат D)Таъмин намудани хостаҳои ҷомеа E) Одилӣ

**11.«Ахлоқи Носирӣ» ба қалами кадом мутафаккир таалуқ дорад?**

A)Фахриддини Розӣ B)Насриддини Тӯсӣ C)Абунасри Форобӣ D)У. Кайковус E)Сино

**12. Кадоме аз ин асарҳо ба Мир Саид Алии Ҳамадонӣ тааллуқ дорад?**

A)«Наводир-ул-вақоеъ» B)«Захирот-ул-мулк» C)«Насиҳат-ул-мулук» D)«Ислом ва адолат» E)"Шоҳнома"

**13.Либералҳои классикиро номбар намоед**

A)Гоббс, Локк, Руссо ва Кант B)Роберт О., Сен Симон C)Монтеские, Хайек D)Р.Нозик, Фридрих Фон Ҳайек E)намедонам

14. **Афлотун хушбахтии аҳли башарро аз чӣ вобаста медонист?**

A)тақсими баробари моликият ва сарватҳои ҷамъиятӣ B)таъмини идораи халқӣ ва плюрализми сиёсӣ C)шаҳрвандони бохабар аз сиёсат ва ҳукумат D)дар мақоми салтанат қарор доштани фалсафа ва файласуфон E)намедонам

**15.Афлотун кадом асарашро ба масъалаи адолатнокӣ бахшидааст?**

A)«Ликей» B)«Қонунҳо» C)«Ҷумҳурӣ» D)«Сиёсат» E)«Давлат»

**16.Ба андешаи Августин одамон то кадом андоза бо қудрати худ метавонанд, ки ҷомеаи комил ва боадолатона созанд?**

A)Ҷавоб номуаян аст. B)Инсоният ҳастии қудратманд буда, метавонад бо кӯшиши худ ҷомеаи боадолатона созад; C)Инсоният қудрати аз гуноҳ гурехтанро дора два метавонад аз беадолатӣ низ фирор намояд D)Инсоният дорои қудрати гурез аз гуноҳ набошад ҳам тадриҷан метавонад ҷомеаи комил ва боадолат бунёд гузорад E)Инсоният ҳастии беқудрат (заиф) ва нотавон барои гурез аз гуноҳ бо қувваи худ аст ва наметавонад ҷомеаи комил созад;

**17.Асоси ғояи «маорифпарварон»-ро чӣ ташкил медиҳад?**

A)Маорифпарварон замони инкишофи атиқаро танқид намуда, ҷомеаи навро асоснок кардани мешуданд B)Маорифпарварон замони инкишофи асримиёнагӣ ва асосҳои онро танқид намуда, ҷомеаи навро асоснок

карданӣ мешуданд C)Маорифпарварон давраи инкишофи замони навро танқид мекарданд D)Маорифпарварон низоми демократиро танқид менамуданд E)Маорифпарварон ҳеҷ чизро намедонистанд

**18.Заминаи рушди таълимотҳои асримиёнагии мутафаккирони халқи тоҷик оид ба адолатнокӣ кадом манбаъ буд?**

A)Осори мутафаккирони шарқ B)Дини Зардуштӣ C)Таълимоти мутафаккирони ғарбӣ D)Дини Ислом E)Дини Яҳудӣ

**19. Намояндагони мактаби маорифпарварии халқи тоҷик киҳо буданд?**

A)А. Дониш, Ш. Шоҳин, А. Сомӣ, С. Айнӣ B)Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ C)А. Ҷомӣ, Воизи Кошифӣ D)Форобӣ ва Н. Тусӣ E)Рӯдакӣ, Сино

**20.Шакли муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки қобилияти таъсир расонидан ба характер, самти фаъолият ва рафтори одамон, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба воситаи механизмҳои иқтисодӣ, идеологӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин бо ёрии эътибор, анъанаҳо, зӯрӣ ва ғайраҳоро дорад, кадом аст?**

A)Элита B)Сиёсат C)Давлат D)Анъанаҳо E)Ҳокимият

**21.«Ҳокимият қобилияти воқеии амалӣ намудани иродаи худ дар ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки аз рӯи зарурат ба одамони дигар бор карда мешавад» - ин таърифи кадом мутафаккирон аст?**

A)М. Вебер ва К. Маркс B)Ф. М. Бурлатский, А.А. Галкин C)Дюркҳейм ва Милл D)Мишел Фуко E)Суқрот, Арасту

**22.Муайяннамоии сохтории (структурии) қудратро шарҳ диҳед.**

A)намедонам B)ҳокимият ин навъи муҳими рафтори субъкетҳои сиёсат ба ҳисоб меравад C)ҳокимият чун воситаи сафарбарнамоии захираҳои ҷамъият барои ба даст овардани мақсадҳои аз тарафи кулли ҷомеа эътирофшуда баромад менамояд D)Ҳокимият чун механизми амалишавии институтсионалӣ алоқаманд бо ниҳодо баромад мекунад E)ҳокимиятро ҳамчун шакли муҳими муносибатҳои миёни идоракунанда ва идорашавандагон инъикос менамояд

**23.Муайяннамоии функсионалии қудратро шарҳ диҳед.**

A) ҳокимият ин навъи муҳими рафтори субъкетҳои сиёсат ба ҳисоб меравад B)ҳокимиятро ҳамчун шакли муҳими муносибатҳои миёни идоракунанда ва идорашавандагон инъикос менамояд C)ҳокимият чун воситаи сафарбарнамоии захираҳои ҷамъият барои ба даст овардани мақсадҳои аз тарафи кулли ҷомеа эътирофшуда баромад менамояд D)ҳокимият чун механизми бунёди сиёсат ва зӯригарӣ баромад мекунад E)намедонам

**24.Гуфтаи М. Веберро пурра намоед: “Одамон ба ду тарз ба сиёсат рӯ меоранд «аз ҳисоби сиёсат ва ……...»**

A)ба хотири сиёсат B)аз ҳисоби ҳукумат намудан C)ба хотири бой шудан D)ба хотири ҳукуматE)ба хотири шуҳрат

**25.Се навъи беҳтарини давлатро аз нигоҳи Арасту номбар намоед.**

A) тирания, анархия, полития B)тирания, олигархия, демократия C)монархия, аристократия, плутократия D)монархия, аристократия, полития E)аристократия, чумҳурӣ, давлат

**26. Навъҳои бадтарини давлат аз нигоҳи Арасту кадомҳоанд?**

A)тирания, олигархия, демократия B)монархия, аристократия, плутократия C)монархия, аристократия, полития D)тирания, анархия, полития E)арситократия, ҷумҳурӣ, давлат

**27.Арасту шаҳрванд гуфта киро дар назар дорад?**

A)Шахсе ки дар суд ва идоракунӣ иштирок менамояд B)Шахсе ки соҳиби молу мулк аст C)Шахсе ки соҳиби мансаб аст. D)Шахсе ки хукуки овоздиҳӣ дорад E)шахсе ки шиноснома дорад

**28.Асосгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ кист?**

A)А.Фирдавсӣ B)Ҳофизи Ш. C)М.Турсунзода D)А.Дониш E)Сино

**29.Кадоме аз ин гуфтаҳо суханони Маркс мебошад?**

A)Дар ҷомеае, ки бардадорӣ, феодализм ва ё капитализм ҳоким аст ҳеҷгуна адолате наметавонад вуҷуд дошта бошад B)Адолати иҷтимоӣ дар ҳеҷ ҷомеае вуҷуд надорад C)Бо одамони баробар баробар муносибат намо D)Адолати иҷтимоӣ падидаи нисбӣ мебошад E)Ба ёд надорам

**30. Кадом элементи системаи сиёсӣ аз маҷмӯи тасаввуроти сиёсӣ, рӯовариҳои арзишӣ, меъёрҳо, анъанаҳо** ва рамзҳои рафтори сиёсӣ таркиб ёфтааст.

A) ниҳодҳои сиёсӣ B)меъёрҳои сиёсӣ ва принсипҳо C)шуури сиёсӣ D)муносибатҳои сиёсӣ ва маданиятE)хизбҳои сиёсӣ

**31.Афлотун ҷомеаро ба чӣ ташбеҳ медод?**

A) Ба хона B)Табиат C)Ба олами ҷангал D)Ба олами фариштаҳо E) Ба ҷисми инсон

**32. Дар шароити имрӯза дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шудаанд?**

A) 7 ҳизб B) 8 ҳизб C) 9 ҳизб D) 10 ҳизб E) 1 ҳизб

**33. Андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии А.Августин дар кадом асараш гирд омадааст?**

A) Категорияҳо» B)«Аналитикаи 2-юм» ва «Сиёсат» C)«Дар бораи шаҳри Худо» ва «Оид ба иродаи озод» «D)«Капитал» E)"Назарияҳо"

**34.Асосгузори фалсафаи Шарқӣ ва «Муаллими сонӣ» пас аз Арасту кӣ буд?**

A)Монӣ B)Суқрот C)Афлотун D)Гегел E)Абунасри Форобӣ

35.**Сабаби ба шӯриш бархостани одамонро Фирдавсӣ дар чӣ мебинад?**

A)Норасогиҳои замона қашшоқию гуруснагӣ B)Зулму истибдоди берунӣ C)Амри шоҳони замона D)Нодонӣ ва ҷоҳилии мардум E)Серию пурӣ

**36. Кадоме аз ин таълифотҳо аз Ж.Ж. Руссо мебошад?**

A) Назарияи адолат B)Муҳокимаҳо бар бораи пайдоиш ва асосҳои нобаробарии байни одамон C)Роҳи бардагӣ D)Муроқибат ва танбеҳот E)Роҳи гурез

**37.Форобӣ ба ҳоким чанд сифатро хос медонист?**

A) 6 B)10 C)8 D)12 E)2

**38.«Подшоҳ чу Офтоб аст. Нашояд, ки ба яке тобаду бар яке натобад». Ин гуфта аз таълимоти кист?**

A)У. Кайковус B)Фирдавсӣ C)И. Сино D)Ф. Розӣ E)Хантингтон

**39.У. Кайковус дар таъмини нафарон ба вазифаҳои муҳимми давлатӣ кадом хосиятро муҳим медонад?**

A)Тобеъият доштан ба ҳокимон B)Хеши наздик будан C)Шоистасолор D)Тамаллуққор буда E)Саховатманд будан

**40.«Чора набошад подшоҳеро аз он, ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазоли биншинад ва дод аз бедодгарон биситонаду инсоф бидиҳад, ва сухани раият бишнавад бевосита». Ин гуфтаи кадом мутафаккир аст?**

A)Арасту B)Форобӣ C)И. Сино D)М. Ғазолӣ E)Низомулмулк

**41.Вазифаи мудириятро дар ниҳодҳои давлатӣ кадоме аз гурӯҳи зерин хубтар иҷро менамояд?**

A)маъмурият ё бюрократия B)элитаи сиёсӣ C)аҳолӣ D)муассисаҳои соҳаи маориф E)коллеҷҳо

**42.Андешаи «Чӣ тавре, ки бошед, ҳамон тавр ба Шумо ҳукм ронанд» аз таълимоти кадом мутафаккир аст?**

A)М. Ғазолӣ B)И. Сино C)Ф. Розӣ D)Н. Тӯсӣ E)Пушкин

**43.Ҳукмронии анъанавӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

A)ҳукмронии Сомониён B)ҳукмронӣ дар асоси арзишҳои либералӣ C)ҳукмронии меросӣ D)ҳукмронии монархӣ E)ҳукмронӣ дар асоси урфу одатҳо

**44. Ҳукмронии харизматикӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

A)боварӣ ба сифатҳои шахсии сарвар B)ҳукумати легитимӣ C)ҳукумат бо истифодаи зӯрӣ D)ҳама ҷавобҳо дурустанд E)намедонам

**45. Ҷанбаи мусбати ҳукмронии монархия ва аристократия ба андешаи мутафаккирони атиқа дар чӣ буд?**

A)Таъмини аҳолӣ бо пул B)Хирад ва хайрият C)Озодӣ ва баробарӣ D)Баробарии инсонҳо E)сиёсати хориҷӣ

**46. «Бархе касон табиатан барда ва бархе озоданд. Барои дастаи аввал бардагӣ на танҳо фарохӯри ҳол, балки одилона аст, ки табиатан моли худаш нест ва аз они дигаре аст ва табиатан барда аст». Ин гуфтаҳои кадом мутафаккир аст?**

A)Сино B)Афлотун C)Ситсерон D)Суқрот E)Арасту

**47. Асосгузори таълимоти либералии адолат кист?**

A)Т. Гоббс B)Ҷ. Локк C)Ш. Монтескё D)Ж. Руссо E)Сино

**48.Таълимоти Ситсерон оид ба адолати иҷтимоӣ нисбат ба пешгузаштагони юнонии худ чи фарқияти муҳимме дошт?**

A) Танҳо фарогири ҷомеаи Рими қадим буд B)Маҳдуд ва танҳо ба шаҳрдавлатҳо бахшида шуда буд C)Космополитикӣ будтD)Таълимоти ӯ аз пешгузаштагони юнонияш ягон фарқияте надошт E)намедонам

**49. Хосияти асосии фарққунандаи таълимоти сиёсии замони эҳё аз давраҳои пешин аз чи иборат буд?**

A)гузариш аз парадигмаи инсонмеҳварӣ ба давлатмеҳварӣ; B)гузариш аз таълимоти динӣ ба таълимотҳои атеистӣ; C)гузариш аз парадигмаи инсонмеҳварӣ ба космосентрикӣ; D)гузариш аз парадигмаи космосентрикӣ ба инсонмеҳварӣ; E)намедонам

**50. Вазифаи асосии ҷамъияти сиёсӣ ба андешаи Локк аз чи иборат аст?**

A)Ҳимояи ҳуқуқҳои заминавии инсон ба моликият B)Ҳимояи амният ва тартибот дар ҷомеа C)Азнавтақсими манобеъи молӣ ва пулӣ D)Таъмини баробарии байни инсонҳо E) баробарҳуқуқӣ

**51. Асари Т. Компонелла кадоме аз инҳост?**

A)Утопия B)Рӯҳи қонунҳо C)Назарияи адолат D)Шаҳри офто E)Чеҳраи шаҳр

**52. Намояндагони сотсиализми аврупоии асри 16 ва 17 киҳо ҳастанд?**

A)А. Грамши ва М. Фуко B)К. Маркс ва Ф. Энгелс C)Т. Мор, Т.Компонелла D)Т.Гоббс ва Ҷ. Локк E)Сино, Рӯдакӣ

53.Агар ҳокимияти сарвари кишвар ба мерос дода шавад ва аз ягон мақомоти давлатӣ ва ё аҳолӣ вобастагӣ надошта бошад пас чунин давлат дорои кадом дизайн (сохтор) аст?

A)Коммунистӣ; B)Ҷумҳурӣ; C)Либералӣ; D)Монархӣ; E)демократӣ

**54. Агар сарвари давлат ивазшаванда бошад ва ҳокимияти он аз мақомоти намояндагӣ ва ё аҳолӣ вобастагӣ дошта бошад пас чунин давлат дорои кадом дизайн (сохтор) мебошад?**

A)Ҷумҳурӣ; B)Федеративӣ; C)Монархӣ; D)Либералӣ; E)демократӣ

**55. Шакли таърихии умумияти этникии одамон кадомҳоянд?**

A) элита, синф, гурух B)авлод, табақа, халқ. C)синф, миллат, табақа. D)гурӯҳ, мардум, издиҳом. E)қабила, халқ, миллат

**56. С.Ҳантингтон дар кадом асараш оиди тамаддунҳо сухан мекунад?**

A)Сиёсатшиносӣ B)Низоми сиёсӣ дар ҷомеаи ташаккулёбанда; C)Мавҷи сеюми демократикунонӣ дар охири асри XX; D)Мо ки ҳастем – даъвати ҳуввияти миллии амрикоӣ; E)Бархӯрди тамаддунҳо;

**57. Кадом дизайнҳои ниҳодии идораи давлатӣ вуҷуд доранд?**

A)Монархия ва республика; B)Либерализм ва консерватизм; C)Коммунизм ва сотсиализм; D)Секуляризм ва атеизм; E)дохилӣ ва берунӣ

**58. Кадом навъҳои монархия вуҷуд доранд?**

A)Сиёсӣ ва фарҳангӣ; B)Мутлақ ва конститутсионӣ;C)Либералӣ ва консервативӣ; D)Демократӣ ва авторитарӣ; E)чумҳуриявӣ, парламентӣ

**59. Кадоме аз ин навъҳои маданияти сиёсӣ бештар хоси ҷомеаҳои демократӣ мебошанд?**

A)Маданияти сиёсии патриархалӣ; B)Маданияти сиёсии маҳдуд; C)Маданияти сиёсии фаъол; D)Маданияти сиёсии раиятӣ (тобеъиятӣ); E)маданияти номуаян

**60. Ҳокимияти легитимӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

A)Эътирофи машрӯияти ҳокимият аз ҷониби мардум ва қабули он аз ҷониби мардум; B)Аз рӯи меъёрҳои қонунӣ ташаккул ёфтани ҳокимият новобаста аз эътирофи он аз ҷониби мардум; C)Ҳокимияти хосияти анъанавӣ дошта; D)Ҳукмронии як гурӯҳ ва ё як нафар дар ҷомеа; E)Ҳокимияти номаълум

**61. Ченаки рушди ҷамъиятӣ дар шароити имрӯза чӣ дониста шудааст?**

A)Иқтисод B)Моликият C)Инсон D)Манобеи табиӣ E)Шумора

**62. Элементҳои асосии ҳокимият кадомҳоянд?**

A)демократӣ ва ғайридемократӣ B)қонунбарор, иҷроия, судӣ C)ҳокимияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ D)субъект, объект, захираҳо E)президент, парламент

**63. Субъектҳои асосии сиёсат кадомҳоянд?**

A)президент, парламент B)ҳокимияти легитимӣ C)ташкилотҳои сиёсӣ D)монархия ва республика E)давлат, ҳизби сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ

**64. Муассисаҳои асосии иҷтимоишавии сиёсӣ кадомҳоянд?**

A)оила, муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо, мактабҳои олӣ B)гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ C)иттифоқҳои касаба D)муносибатҳои сиёсӣ E)сиёсати хориҷӣ

**65. Функсияҳои сарвари сиёсӣ аз чиҳо иборат аст?**

A)ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар B)дохилӣ, хориҷӣ C)кафилӣ, василасозӣ D)муттаҳидсозӣ, равонасозӣ, сафарбарсозӣ, идоранамоӣ E)миқдорӣ, таърихӣ

**66. Мафҳуми бихевиориз чӣ маъно дорад?**

A)услубест, ки бо назорати рафтори индивидҳо, ходисаҳои сиёсиро таҳлил менамояд B)услубест, ки таркиб ва сохтори ҷомеаро меомӯзад C)услубест, ки бо таҳлили сиёсӣ машғул аст D)яке аз услубҳои илми ҳуқуқ мебошад E)услубеест, ки шумораро мефаҳмонад

**67.Тарҳи иҷтимоию кибернетикии системаи сиёсӣ аз ҷониби кадом муҳаққиқ пешниҳод шудааст?**

A) Г. Алмонд B)К. Маркс C)Д. Истон D)Г. Моска E)Сино

**68. Раванди аз тарафи инсон ё гурӯҳ аз худ кардани меъёр ва арзишҳои сиёсӣ чист?**

A)идеологияи сиёсӣ B)адаптатсияи сиёсӣ C)интегратсияи сиёсӣ D)иҷтимоишавии сиёсӣ E)элитаи сиёсӣ

**69. Кадоме аз ин мафҳумҳо нисбати дигар мафҳумҳои овардашуда васеътар мебошад: «ҳаёти сиёсӣ», «системаи сиёсии ҷомеа», «ташкилоти сиёсии ҷомеа», «системаи ҳокимияти сиёсӣ», «системаи ҷамъиятӣ»**

A)"элитаи сиёсӣ" B)«ҳаёти сиёсӣ» C)«системаи сиёсии ҷомеа» D)«ташкилоти сиёсии ҷомеа» E)«системаи ҷамъиятӣ»

**70. Он яке аз шаклҳои иттиҳодияҳои одамон буда, барои муваффақ гаштан ба мақсадҳои сиёсии муайян бунёд шудааст ва ҳокимияти расмиро ҳамчун маркази идоракунӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷассум менамояд**

A)«системаи ҷамъиятӣ» B)«ташкилоти сиёсии ҷомеа» C)«системаи сиёсии ҷомеа» D)«ҳаёти сиёсӣ» E)"элитаи сиёсӣ"

**71. Кадом муҳаққиқ бори аввал мафҳуми «системаи сиёсӣ»-ро тобиши илмӣ додааст?**

A)Д. Истон B)Г. Алмонд C)Т. Парсонс D)К. Дойч E)Сино

**72. Сиёсати иҷтимоии давлат дар чӣ зоҳир мегардад?**

A)таъмини ниёзмандон бо нафақа B)таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандон C)таъмини озодӣ, ҳуқуқ ба меҳнат ва ғайраҳо D)таъмини кафолати иҷтимоӣ барои табақаи муайяни ҷомеа E)намедонам

**73. Функсияҳои элитаи сиёсӣ кадомҳоянд?**

A)таъмини озодӣ, ҳуқуқ ба меҳнат ва ғайраҳо B)ҳукмрон, мухолифин C)роҳҳои тағйироти падидаҳои сиёсӣ D)стратегӣ, ташкилӣ, муттаҳидсозӣ E) назорат намудан

**74. М. Вебер сарварии сиёсиро ба кадом навъҳо ҷудо намудааст?**

A)анъанавӣ, харизматикӣ, ратсионалӣ-қонунӣ B)анъанавӣ, ратсионалӣ, низомӣ C)либералӣ, консервативӣ, марксистӣ D)анъанавӣ, қонунӣ, ғайриқонунӣ E)президентӣ, парламентӣ, монархиявӣ

**75.Барои он ки система қобили ҳаёт бошад, бояд ба даъватҳо ва хатарҳою таъсиррасониҳо ҷавоб гардонад. (андешаи кист?)**

A) Сино B)К. Маркс C)Г. Алмонд D)Г. Моска E)Д. Истон

**76.Муносибати методологии таркиботию функсионалиро дар тадқиқи системаи сиёсӣ кадом муҳаққиқ пешниҳод намудааст?**

A) Д. Истон B)Г. Алмонд C)Ч. Эндрейн D)Р. Михелс E)Сино

77.**Г. Алмонд муносибати худро дар мавриди системаи сиёсӣ бо мафҳуми «дивелопменталӣ» ошкоро мегардонад, ки он чӣ маънӣ дорад?**

A)мушоҳида намудани система дар тағйирот ва инкишоф B)мушоҳида намудани система дар карахтӣ ва ҳолати исто C)мушоҳида намудани система дар сукут ва паствравӣ D)мушоҳида намудани система дар ҳолати вайронгардӣ E)намедонам

**78. Кадом муҳаққиқ дар ташаккули системаи сиёсӣ мақоми маданияти сиёсиро афзал медонад?**

A)Ч. Эндрейн B)Д. Истон C)Р. Михелс D)Г. Моска E)Сино

**79.«Ҳаёти сиёсӣ мубориза ва ивазшавӣ, «даврзании» элита мебошад» - ин андешаи кадом муҳаққиқ аст?**

A)Р. Михелс B)В. Парето C)М. Вебер D)Г. Моска E)Сино

**80.Мафҳуми «элита»-ро дар илми сиёсӣ бори аввал ки истифода намудааст?**

A)М. Вебер B)Р. Михелс C)В. Парето D)Г. Моска E)Сино

**81.Ба андешаи В. Парето элита, асосан дар кадом соҳаҳои иҷтимоӣ ташаккул мeёбад?**

A)ҳамаи ҷавобҳо дурустанд B)соҳаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ C)соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ D)соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ақлонӣ E)ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд

**82.Кадоме аз ин асарҳо ба В. Парето таааллуқ дорад?**

A)«Синфи ҳоким» B)«Роҳи бардагӣ» C)«Пешрафт ва фанои элита» D)«Иқтисод ва ҷомеа» E)"Элитаи сиёсӣ"

**83.Ба андешаи В. Парето кадом омил боиси шикасти элитаҳои ҳоким мегардад?**

A)аз музаффариятҳо қаноатманд мегардад ва бо ҳамин ҳушёриро аз даст дода, нерӯи эҷодиро гум менамояд B)ба нерӯ такя намуда мардумро аз худ дур месозад C)элита пир мешавад ва одамони зарурира ба худ ворид сохта наметавонад D)ба хешутаборчигӣ такя намуда, аксари ҳол ба элита наздикони худро ворид месозад E)намедонам

**84. Г. Моска дар инкишофи элитаи сиёсӣ кадоме аз ин ду тамоюлҳоро дарҷ намудааст?**

A)интихобот ва инқилоб B)аристократӣ ва демократӣ C)осоишта ва ҳарбӣ D)авторитарӣ ва мардумӣ E)элитаи сиёсӣ

**85.Ду системаи маъмули ташаккули элита, ки бештар диққатҷалбкунанда мебошанд кадомҳоянд?**

A)Системаи осоишта ва ҳарбӣ B)Системаи авторитарӣ ва тоталитарӣ C)Системаи демократӣ ва ҳуқуқӣ D)Системаи гилдий ва антрепренёрӣ E)Системаи даврии Менделеев

**86. Кадоме аз ин хосиятҳо ба системаи гилдий дар ташаккули элитаи сиёсӣ дахл дорад?**

A)махфияти ташаккули элита; B)хосияти кушода дошта, имконияти зиёд барои намояндагони умумиятҳои иҷтимоӣ ҳангоми ташаккули элитаи сиёсӣ муҳайё мебошад; C)монеаҳои институтсионалӣ ҳангоми ташаккули элита хеле каманд; D)сатҳи рақбат хеле баланд мегардад. E)системаи сиёсӣ

**87. Шаклҳои мавҷудаи моликият, ҳаҷми маҳсулоти миллӣ, захираҳои табиии ҷамиятии стратегидошта, захираи тилло, арзиши асъори миллӣ, сатҳи истифодаи пешрафти илмию техникӣ дар иқтисодиёт кадом асосҳои системаи сиёсӣ мебошанд**

A)Асосҳои дипломатия B)Асосҳои иҷтимоӣ C)Асосҳои маъмурӣ ва қудратӣ D)Асосҳои фарҳангӣ E)Асосҳои иқтисодӣ

**88. Дар муносибат бо рақибон, кадом навъи сарварони сиёсӣ мавҷуданд?**

A)авторитарӣ ва тоталитарӣ; B)муросокор ва мутаассиб; C)демократӣ ва прагматик; D)озод ва тобеъ. E)монархиявӣ ва ҷумҳуриявӣ

**89.Навъҳои маъмули сарварӣ кадомҳоянд?**

A)сарварии авторитарӣ ва демократӣ; B)сарварии тоталитарӣ ва шаҳрвандӣ; C)сарварии анъанавӣ ва муосир; D)сарварии муросокор ва мутаасиб E)сарварии бефоида ва бафоида

**90.Вазифа, эътибор, сатҳи маълумот, таъминоти иҷтимоӣ, сатҳи ҳифзи саломатии умумиятҳои иҷтимоӣ – кадом захираи системаи сиёсӣ**

A) Захираҳои фарҳангӣ B)Захираҳои иқтисодӣ C)Захираҳои маъмурӣ ва қудратӣ D)Захираҳои иҷтимоӣ E)захираҳои ҷангал

91. Муассисаҳои ҳокимиятӣ ва дастгоҳи ҳокимият – кадом асоси системаи сиёсӣ мебошад

A)Асосҳои маъмурию қудратӣ B)Асосҳои фарҳангӣ C)Асосҳои иқтисодӣ D)Асосҳои иҷтимоӣ E)Асосҳои модда

**92. Моҳияти этатизм чист?**

A)марказонидани давлат ва таъсиррасонии фаъоли он ба ҳаёти ҷомеа, ҳатто ба ҳаёти шахсии одамон B)ғайримарказонидани давлат ва таъсири васеъ надоштани он ба ҳаёти ҷомеа C)муътадил намудани муносибати давлат ва ҷомеа D)ғайримарказонидани давлат бо фаъол сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ E)намедонам

**93. Моҳияти муносибати либералиро дар системаи сиёсӣ кадом ҷиҳат ташкил медиҳад?**

A)маҳдуднамоии ҳокимияти ҳукумат, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, пеш аз ҳама шахсони мансабдор ва шахсони дигар B)марказонидани давлат ва таъсиррасонии фаъоли он ба ҳаёти ҷомеа, ҳатто ба ҳаёти шахсии одамон C)маҳдуд намудани ҳуқуқҳои инсон ва мустаҳкам намудани давлат D)ташаккул бахшидани низоми сиёсии берақобат ва яккаҳукмронӣ E)ҷавоб номуаян аст

**94. Дар Конститутсия, қонунҳо, барнома ва ойинномаи ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, анъанаҳо ва одатҳои сиёсӣ, ки масъалаҳои ҳаёти сиёсиро танзим менамоянд, таҷассум меёбанд.**

A)Ниҳодҳои сиёсӣ B)Шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ C)Принсипҳо ва қоидаҳои умумии сиёсӣ D)Муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ E)Сиёсати дохилӣ

**95. Меъёри самаранокии амали системаи сиёсии ҷомеа дар чӣ зоҳир мегардад?**

A)функсияхоии давлатӣ B)мардумро маҷбур намуда тавонад C)ҳукумати гурӯҳҳои алоҳидаро ҳимоят намояд D)тағйирпазириро дар ҳаёти сиёсӣ маҳдуд созад E)вазифаҳои хешро иҷро карда тавонад

**96.Тавсифи навъбандӣ вобаста ба муносибатҳои байниҳамдигарии системаи сиёсӣ ва муҳити беруна**

A) тоталитарӣ ва авторитарӣ B)маҳдуд ва кушода C)кӯҳна ва нав D)пурқудрат ва заиф E)номуяни ва маҳдуд

**97.Кадоме аз ин навъҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ дар ҷомеаҳои пӯшида ва тоталитарӣ зиёд ба чашм мерасад?**

A)навъи пешоҳангӣ B)навъи мавзун C)навъи плюралистӣ D)навъи моҷарогарой E)навъи содда

**98. Мафҳуми «сотсиаликунонӣ»-ро ки аввалин шуда тобиши илмӣ додааст?**

A)сотсиолог О. Конт B)сотсиологи немис М. Вебер C)муҳаққиқи француз М. Фуко D)сотсиологи амрикоӣ Ф. Гиддингс E)файласуф Эпикур

**99. Томас Гоббс кадом тарҳи иҷтимоикунонии сиёсиро ҷонибдорӣ менамуд?**

A)Итоатнамоӣ B)Манфиатҳо C)Плюралистӣ D)Демократӣ E)Монархиявӣ

**100. Дар таълимоти Д. Истон баҳамтаъсиррасонии системаи сиёсӣ ва муҳит тавассути кадом принсип амалӣ карда мешавад?**

A)«даромад ва баромад» B)«калон ва хурд» C)«фаъолӣ ва ғайрифаъолӣ» D)«самаранокӣ ва бесамарӣ» E)"фоиданок ва бефоида"

**101. Кадоме аз ин воситаҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ воситаҳои муқаррарӣ мебошанд?**

A)Ташкилотҳои сиёсӣ ва муассисаҳои таълимӣ B)Оила ва муҳити иҷтимоӣ C)Иттиҳодияҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ D)Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори умум E)Созмонҳо, ташкилотҳо

**102. Марҳилаи аввалини иҷтимоикунонии сиёсӣ кадом аст?**

A)сиёсигардонии шахс B)шахсигардонии сиёсат C)сиёсигардонии шахс D)институтсионаликунонии шахсият E)донишҷу будан

**103. Нигилизми сиёсӣ чист?**

A)Беэътиноӣ ба сиёсат ва равандҳои сиёсӣ ва бефоида донистани иштирок дар сиёсат B)Иштироки фаъолона дар сиёсат ва баҳрабардорӣ аз он C)Иштирок намудан дар сиёсат ба таври касбӣ ва тахассусӣ D)Иштироки фаъол дар сиёсат, аммо баҳра набурдан аз он E)Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд

**104. Д. Истон ду навъи «даромад»-ро ҷудо мекунад:**

A)манфиатнок ва бефоида B)ивазкунӣ ва танқидӣ C)пешниҳод ва тағйир D)талабот ва таклифот E)талаботҳо ва дастгирӣ

**105. Консолидатсияи демократия гуфта чиро мефаҳмед?**

A)Раванди мустаҳкамшавии демократия; B)Раванди гузариш ба демократия; C)Раванди рӯй гардонидан аз демократия; D)Раванди ислоҳи демократия; E)Ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст

**106. Принсипи «тақсими ҳокимият» кадом шохаҳои ҳокимиятро фаро мегирад?**

A)тақсими ҳокимият ба шохаҳои қонунбарор, иҷроия ва адолати судӣ; B)ҳокимияти сиёсӣ ва судӣ; C)ҳокимияти намояндагии бевосита; D)ҳокимияти қонунгузор; E)ҳокимияти мутлақ

**107. Дар Тоҷикистон ки ҳуқуқ дорад, ки ҳокимиятро ғасб намояд?**

A) Ҳизбҳои сиёсӣ B)Созмонҳои иҷтимоӣ C)Ягон нафар ҳуқуқ надорад D)Гурӯҳи одамҳо ва фардиятҳо E)бале, метавонад

**108. Фаъолияти лоббистӣ чист?**

A) расонидани таъсир ба шахсони мансабдор бо мақсади қабули қарор ба манфиати гурӯҳе B)сохтани симои ин ё он арбоби сиёсӣ C)иштирок дар интихобот, райпурсӣ D)ҷустуҷӯи роҳи ҳалли низоъҳоисиёсӣ E)назарияи демократӣ

**109. Демократияи иштирок чи маъно дорад?**

A)ин низоми ташкилии сиёсии ҷомеа аст, ки дар он шаҳрвандон бевосита, бемиёнаравии намояндагони интихобшаванда мушкилоти худро ҳал менамоянд B)Технологияҳои нави компютерӣ мебошад, ки дар натиҷаи инкишофииқтисодиёт пайдо шудааст. C)Ин абзорҳои нави техникӣ мебошад, ки дар ҷараёни системаи пахшииттилоот истифода мешавад. D)Демократияи маҳдуд дар ҷомеаи шаҳрвандӣ. E)Ҷавоби дуруст нест

**110. Актори асосии муносибатҳои байналхалқӣ кадом аст?**

A)созмонҳои байниҳукуматӣ B)давлат C)созмонҳои ғайриҳукуматӣ D)созмонҳои ҳарбию сиёсӣ E)ташкилот

**111. Сиёсатшиносии амалӣ аз назариявӣ чӣ фарқ дорад?**

A)Фарқияти дар онҳо дар амал ва назария мебошад, яъне сиёсатшиносии назариявӣ ба тарзи назариявӣ дарҷи масъалаҳоро баён мегардонад ва сиёсатшиносии амалӣ бошад дар амал ин назарияҳоро иҷро мекунад. B)Фарқияте надорад C)Фарқияти дар онҳо истифодаи натиҷаҳои пурсишҳои давраи гузашта мебошад D)Фарқияти дар онҳо махфияти коршиносон мебошад E)Фарқияти калон

112. Кадоме аз инҳо вазифаи бевоситаи интихобот нест?

A)сиёсати хориҷӣ B)роҳи осоиштаи ҳалли масъала, масъала тавассути изҳори андешаи одамон анҷом меёбад C)воридоту содироти нерӯҳои нави сиёсӣ ва одамони алоҳида ба элитаисиёсӣ D)ташаккули оппозитсияи сиёсии комил E)муайян намудани самти пешрафти кишвар

**113.Тағйироти назаррас дар системаи сиёсии Тоҷикистон дар кадом замон падид омад?**
A)Дар давраи бозсозӣ ва соҳибистиқлолӣ  B)Дар солҳои 70-уми асри гузашта  C)Пас аз ҷанги бузурги ватанӣ  D)Тағйироти назаррасе дар системаи сиёсии кишвар ба вуҷуд наомадааст E)Соли 2020
**114.Ҳамчун парадигмаи илмӣ «системаи сиёсӣ» дар кадом замон дар илми сиёсӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт?**
A)Дар асри X1X  B)Солҳои 40-50-уми асри XX C)Солҳои 60-70-уми асри XX  D)Дар солҳои 90-уми асри XX  E)Соли 2021
**115. Марксизм ба системаи сиёсӣ кадом навъи муносибатро ихтиёр намудааст?**
A) Иҷтимоию кибернетикӣ  B)Форматсионӣ  C)Функсионалӣ  D)Таркиботӣ
E)феодалӣ
**116. «Асоси системаи сиёсиро афзалияти муносибатҳои муқовиматомези байни умумиятҳои бузургтарини ҷомеа – синфҳои ҷамъиятӣ ташкил менамояд» - ин андешаи кадоме аз инҳост?**
A)Марксизм  B)Д. Истон  C)Т. Парсонс  D)М. Вебер  E)Арасту
**117. Кадом муҳаққиқ системаи сиёсиро чун парадигма ба илми сиёсӣ ворид кард?**
A)Г. Моска  B)К. Маркс  C)Г. Алмонд  D)Д. Истон  E)Сино
**118. Барои он ки системаи сиёсӣ қобили ҳастӣ бошад, зарур аст ба хатарҳою таъсиррасониҳои муҳит ҷавоб диҳад (андешаи кист?)**
A)Д. Истон  B)К. Маркс  C)Г. Алмонд  D)Г. Моска  E)Рӯдакӣ
**119. Муносибати таркиботию функсионалиро дар баррасии системаи сиёсӣ --------------------- пешниҳод кардааст?**
A)Г. Алмонд  B)Д. Истон  C)Ч. Эндрейн  D)Р. Михелс  E)Ҷорҷ Буш
**120.Муҳаққиқ Карл Дойч дар фаҳми системаи сиёсӣ кадом тарҳро ироа намудааст?**
A) Форматсионӣ  B)Иттилоотӣ-коммуникативӣ  C)Таркиботию функсионалӣ  D)Културологӣ
E)Душвор
**121. Т. Парсонс чанд вазифаи системаи сиёсиро ҷудо намудааст?**
A) Даҳ вазифа B)Ду вазифа  C)Се вазифа  D)Панҷ вазифа  E)Чор вазифа
**122. Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сензураи давлатӣ иҷозат дода шудааст?**
A)дар Тоҷикистон сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст  B)сензураи давлатӣ мувофиқи қонунҳои матбуот иҷозат дода шудааст  C)дар ҳолати зарурӣ сензураи давлатӣ иҷозат дода шудаастD)дар Конститутсияи Тоҷикистон ба сензураи давлатӣ иҷозат дода шудааст  E)бале
**123. Кадоме аз инҳо метавонанд аъзои Маҷлиси миллӣ дар Тоҷикистон бошанд?**
A)судяҳо  B)кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ C)Президенти собиқи кишвар  D)аъзои Ҳукумат
E)прокурорҳо
**124. Шӯрои адлияро дар Тоҷикистон таъсис медиҳад?**
A)Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  B)Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
C)Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ  D)Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  E)Раиси ноҳия
**125. Мӯҳлати ваколати судяҳо дар Тоҷикистон чанд сол аст?**
A)8  B)10  C)7  D)5  E)3
**126. Ҷ. Коулмен системаи сиёсиро ба кадом навъҳо ҷудо намудааст?**
A)рақобатӣ, нимрақобатӣ ва авторитарӣ;  B)сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ;  C)англо-амрикоӣ, континенталию аврупоӣ, тоталитарӣ ва тоиндустралӣ;  D)тоталитарӣ, авторитарӣ ва демократӣ;
E)намедонам
**127. Фардият ҳамчун субъекти асосии сиёсат дар ҳодисаҳои сиёсӣ дар кадом ҷомеа мавқеи хешро шахсан худаш муаян мекунад?**
A)Ҷомеаи демократӣ; B)Ҷомеаи кушод;  C)Ҷомеаи ғайридемократӣ;  D)Ҷомеаи авторитарӣ;
E)Ҷомеаи муфтхурон
**128. Идеология кадом гурӯҳ чун идеологияи давлатӣ дар Тоҷикистон эътироф мешавад?**
A)Идеологияи ягон гурӯҳ чун идеологияи давлатӣ эътироф намегардад
B)Идеологияи ҳизбҳо C)Идеологияи ҳизбҳои либералӣ  D)Идеологияи гурӯҳи хукмрон E)Идеологияи пантуркистон
129. Парлумони дупалатагӣ дар Тоҷикистон натиҷаи чӣ мебошад?
A)Музокироти сулҳи тоҷикон  B)Музокироти сулҳи тоҷикон  C)Фармони Президенти Тоҷикистон
D)Пешниҳоди Федератсияи Россия  E)Пешниҳоди Барак Обама
**130. Хосияти системаи сиёсии Тоҷикистон кадом аст?**

A)Демократӣ B)Либералӣ C)Тоталитарӣ D)Консервативӣ E)Монархиявӣ

**131. Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадоме аз ин санаҳо рост меояд?**

A) 16-уми ноябри соли 1992 B)27-уми июни соли 1997 C)9-уми сентябри соли 1991 D)22-уми июни соли 1989 E)6 ноябри соли 1994

**132. Барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон чанд ҳавзаи ҳудудии якмандатӣ ташкил карда мешавад?**

A)41 ҳавзаи ҳудудии якмандатӣ; B)63 ҳавзаи ҳудудии умумиҷумҳуриявӣ; C)1 ҳавзаи якмандатии умумиҷумҳуриявӣ; D)41 ҳавзаи ҳудудии бисёрмандатӣ; E)ҷавоби дуруст нест

**133. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадом системаи интихоботӣ истифода менамоянд?**

A)омехтаи мажоритарию мутаносиб; B)аксарияти мутлақ;C)Мутаносиб D)Мажоритар E)қуракашӣ

**134.Дар шароити имрӯза Тоҷикистон кадом навъи сиёсати хориҷиро пеш гирифтааст?**

A)Нейтралитет B)Инзивоъ C)Дарҳои боз D)Дарҳои баста E)Дарҳои оҳанин

**135. Кадоме аз ин ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтаанд?**

A)ҳамаи ташаббусҳои зикршуда B)аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон C)ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетикаD)мубориза алайҳи терроризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир E)намедонам

**136. Ниҳоди асосии таҳиякунанда ва татбиққунандаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон кадом аст?**

A)Ҳамаи ниҳодҳои зикршуда B)Сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои Тоҷикистон дар кишварҳои дигар C)Консулгариҳои генералии Тоҷикистон дар дигар кишварҳо D)Вазорати корҳои хориҷӣ E)Созмони Миллали Муттаҳид

**137. Кадоме аз ин навиштаҳои зер дуруст аст?**

A)Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад B)Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси хостаҳо ва манфиатҳояш муайян мекунад C)Тоҷикистон дар асоси водоркунии иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад ба онҳо дохил шавад ва аз онҳо барояд D)Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва блокҳои ҳарбӣ дохил шавад E)Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

**138. Кадом ҳуҷҷати давлатӣ принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамояд?**

A)Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии ТоҷикистонB)Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон C)Низомномаи Вазорати корҳои хориҷӣ D)Ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд E)Конститутсияи Тоҷикистон

**139. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоме аз ин хусусиятҳоро дорад?**

A)ҳамаи хусусиятҳои зикршударо дорост; B)дарҳои кушода C)сулҳхоҳона ва беғараз D)Бисёрсамта E)ҳаматарафа

**140. Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои сиёсати хориҷии худро чигуна муайян ва амалӣ мекунад?**

A)пинҳонӣ B)бо баҳисобгирии манфиати кишварҳои дӯст C)бо дарназардошти салоҳиятҳои вазорати корҳои хориҷӣ D)мувофиқ бо хостаҳои вазири корҳои хориҷии кишвар E)бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ

141. Шарикони анъанавии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ кадом кишварҳо маҳсуб мешаванд?

A)Кишварҳои Аврупоӣ B)Кишварҳои арабии Халиҷи Форс C)Кишварҳои узви ИДМ D)Хитой ва ИМА E)Россияву Хитой

**142. Шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар асоси кадом қонун баста мешаванд?**

A)Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” B)Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати хориҷии Тоҷикистон» C)Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазорати корҳои хорҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» D)Дар асоси консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон E)намедонам

**143.Зарурати зуҳури созмонҳои байналхалқӣ дар чист?**

A)мавҷудияти мушкилиҳои мухталифи сатҳи байналхалқӣ B)зарурат ба актори нави муносибатҳои байналхалқӣ C)зарурат барои бурдани сиёсати кишварҳо D)пешбурди иқтисоди кишварҳои ҷаҳон E)пешбурди фарҳанги ҷаҳонӣ

**144. Фарқияти идораи ҷаҳонӣ аз идораи як кишвар дар чист?**

A)сохтори пешрафта дорад B)сохтори иерархӣ надорад C)ниҳодҳои зиёд дорад
D)сохтори иерархӣ дорад E)ниҳодҳои қудратӣ дорад

**145. Созмонҳои байналхалқиро асосан ба кадом навъҳо ҷудо менамоянд?**

A)байнидавлатӣ ва ғайридавлатӣ B)иқтисодӣ ва иҷтимоӣ C)дохилӣ ва хориҷӣ
D)ҳарбӣ ва сиёсӣ E)дохилӣ ва иҷтимоӣ

**146. Кадоме аз ин созмонҳо барои расидан ба як мақсади муайян дар соҳае таъсис ёфтааст?**

A)Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо B)Созмони ҳамкории ШанхайC)Созмони Милали Муттаҳид
D)Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт (OPEC) E)Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ

**147. Андешаи тавозуни қувва ва боздорандагӣ ба кадоме аз ин мактабҳои фикрӣ таааллуқ дорад?**

A)либерализм B)Реализм C)марксизм D)Неолиберализм E)глобализм

**148.Дар таъсиси созмонҳои байналхалқӣ ба кадом принсип таваҷҷӯҳи хосса карда мешавад?**

A)ягонагии ҳудудӣ ва истиқлолияти сиёсии давлатҳо B)дахлпазирии ҳудудӣ ва умури дохилии кишварҳо C)ҳатмӣ будани иҷрои шарномаҳо ва меъёрҳои созмон D)авлавияти меъёрҳои созмон нисбат ба меъёрҳои дохилии кишварҳо E)ҷавоби дуруст нест

**149. Меъёри самаранокии фаъолияти созмонҳои минтақавӣ кадом аст?**

A)аъзогии кишварҳои зиёд ва пешрафта дар он B)тӯлонӣ будани фаъолияти созмони минтақавӣ C)мураккабияти маъмурӣ ва созмонии созмони минтақавӣ D)ба даст омадани ҳадафҳо ва ҳалли мушкилиҳои мавҷуда E) дар ҳудудм минтақа амал накунанд

**150. Имрӯзҳо аксарияти давлатҳои ҷаҳони муосир аз рӯи кадом модел сиёсати хориҷии худро ба роҳ мондаанд?**

A)аз рӯи модели демократӣ ва қонунҳои умумибашарӣ B)аз рӯи модели сотсиалистӣ ва қонунҳои умумибашарӣ C)аз рӯи моделҳои либералӣ ва қонунҳои умумибашарӣ D)аз рӯи модели гуногун ва қонунҳои умумибашарӣ E)аз рӯи модели якхела